**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил ба таҳлилу таҳқиқи сохторӣ-калимасозӣ, пажуҳиши вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва таснифи қабатҳои ономастикаи яке аз ёдгориҳои арзишманди таърихӣ тарҷумаи форсӣ-тоҷикии «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар ибни Закариёи Наршахӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки таҳлилу баррасии паҳлуҳои гуногуни номҳо аз нигоҳи забоншиносӣ дар густариши забони миллӣ дар марҳилаи кунунӣ ва барои ғанӣ гардидани таркиби луғавӣ ва хазинаи асосии забон василаи мусоид мебошад.

Мубрамии мавзуи пажуҳишии мавриди назар боз бар он асос меёбад, ки дар тули мавҷудият ва рушду инкишофи забон бори нахуст номҳои хоси яке аз асарҳои гаронарзиши таърихӣ «Таърихи Бухоро», ки таърихи тулонӣ дораду то ҳол омӯхта нашудааст, мавриди таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ қарор мегирад. Аз як тараф, зарурати интихоби мавзуъ дар навбати аввал таваҷҷуҳи моро ба таърихи ташаккули номҳои асар, ки дар рушд ва ғанӣ гардонидани хазинаи забон боис бигардад, аз ҷониби дигар, барои дарёфти маълумоти арзишманди таърихӣ дар шинохти расму анъанаҳои миллӣ аз нуктаи назари таърихию забоншиносӣ, махсусан, номшиносии тоҷик ба худ ҷалб намуд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ аз нуктаи назари ҷанбаи таърихию забоншиносӣ баррасӣ карда мешавад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, тасниф ва баррасиву таҷзияи қабати ономастикаи асар дар рушду ташаккули забоншиносии тоҷик таъсири мусбату ҳамоҳанг мерасонад. Дар кори таҳқиқии мавриди назар бори аввал ҷойномҳои «Таърихи Бухоро» вобаста ба қабатҳои номбаршаванда ва нуқоти маскунӣ, ҳудуд ва мавқеи ҷуғрофӣ ба

қабатҳои ***полионимия, комонимия, хоронимия, астионимия, агоронимия*** ва даҳҳо зерқабатҳои дигар ҷудо карда шуданд. Ҳамчунин қабатҳои дигари номҳо, монанди номи ҷангҳо, сураҳо, дин ва номи дарвозаҳо ба қайд гирифта шуданд, ки ин на танҳо дар мисоли маводи асар таҳқиқи тоза аст, балки дар номшиносии тоҷик бори аввал мебошад.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба ономастика мавриди истифода қарор додан имконпазир аст. Маҳз ба тавассути ин пажуҳиш ва омӯзиши номҳои «Таърихи Бухоро» вазъи феълии рушди забони форсӣ-тоҷикиро дар давраҳои мухталиф, махсусан, ҳуҷумҳои таърихӣ, ки зарбаҳои муҳлик ба пайкари забони форсӣ-тоҷикӣ зада шуда буд, то андозае возеҳ месозад. Натиҷаи амалии бадастомада дар таҳияи номномаҳо, фарҳангу луғатномаҳои номшиносӣ, фарҳангномаҳои соҳавӣ, таҳия ва коркарди дастурҳои таълимию китобҳои дарсии мансуб ба таърихи забон, хондани курсу семинари махсус ва ҳамоишҳои илмӣ оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар гурӯҳи ихтисосҳои равияҳои гуманитарӣ, махсусан, риштаи филологӣ, ҷуғрофия, сотсиология, таърих, фарҳангшиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат хоҳанд кард. Натиҷаҳои таҳқиқ ва маълумоти он метавонад, зимни омӯзиш ва таҳқиқи вожашиносии таърихӣ, таърихи забон, шевашиносии таърихӣ ҳангоми тартиб додани луғатҳои номшиносӣ ва чандзабона, номномаҳо, зимни хондани курсҳои махсус ва машғулиятҳо оид ба масъалаҳои номшиносӣ дар макотиби олии кишвар истифода гардад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D020502 – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 8 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта,

бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи довталаби дараҷаи илмӣ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии н доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қурбонзода Рудобаи Исмоил дар мавзуи «Ономастикаи «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (ҷанбаи сохторию маъноӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020502 – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Абодуллоева Сафина Юсуповна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– **Табарзода Хайрулло Назар** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Мирзоева М.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

доктори илмҳои филологӣ,
профессор, узви вобастаи АМИТ
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ.Б.

«25» январи соли 2025.